**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия**
**____________________Насуриён П.А.**
**«__23__» ______02______ соли 2024**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзуи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ комилан мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми илмии довталаб дар он дида мешавад, рисолаи анҷомдодаи ӯ барои омӯзиш ва таҳкими минбаъдаи яке аз ҷиноятҳои ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, аз ҷумла, нишонаҳои объективӣ ва субъективии тахрибкорӣ, фарқияти тахрибкорӣ аз терроризм, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии тахрибкорӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ мусоидат менамояд. Андешаҳое, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, барои ташаккули

донишҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ хизмат менамоянд. Аҳаммияти амалии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла бар зидди тахрибкорӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва бандубасти ҷинояти мазкур, муайян намудани рақобати меъёрҳо байни тахрибкорӣ ва терроризм, зимни омода намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва яксони қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Бояд иброз дошт, ки рисоланавис дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории он метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Вобаста ба масъалаи таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ чунин нуктаҳои назари муаллиф диққатҷалбкунанда буда, навгонии илмӣ доранд: а) Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта ҳам бар зидди ин гуна ҷиноятҳо ва ҳам бар зидди ифротгароии мазҳабӣ, ки дар ин давра ҳамлаи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро аз сар гузаронидаанд, фаъолона мубориза мебурд; б) дар Тоҷикистон заминаи муайяни ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати мубориза бо тахрибкорӣ ва дигар ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, инчунин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсон барои ин ҷиноятҳо зарур аст.

2. Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин хулосабарорӣ оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад. Ба андешаи муаллиф иттилооте, ки бо

мақсади вайрон ё несту нобуд кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат истифода мешавад (тахрибкории киберӣ) бояд предмети таҷовузи ҷинояткорона чунин ҷиноят ҳамчун тахрибкорӣ дар Кодекси ҷиноятии ҳам ҶТ ва ҳам кишварҳои ИДМ эътироф карда шавад. Ҳамчунин, муаллиф дуруст ва асоснок менависад, ки мубориза муассир, самаранок ва ҳамоҳангшуда бо воситаҳои қонуни ҷиноятӣ бар зидди тахрибкорӣ дар саросари кишварҳои узви ИДМ ва берун аз он танҳо вақте метавонад ҷой дошта бошад, ки ихтилофҳо дар фаҳми ҳамон як зуҳуроти марбут ба тахрибкорӣ дар сатҳи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногун бартараф ё ҳадди ақал чунин ихтилофҳо кам карда шавад. Баҳри рафъи чунин ихтилофот муттаҳид сохтани қонунгузории ҷиноияти кишварҳои узви ИДМ зарур аст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконият дод, ки ба таври мушахас қонунияти пайдоиши манъи ҳуқуқӣ–ҷиноят тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, ояндаи инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад.

3. Бахши дигари муваффақияти рисоланавис ин аз нигохи амалӣ пешниҳод намудани предмети нави тахрибкорӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, рушди илмию техникӣ доираи муносибатҳоро васеъ менамояд, ки метавонанд ҳадафи тахрибкорӣ қарор гиранд ва ҳамчун предмети он баромад намоянд. Ҳоло арзиш ва аҳаммияти иттилооте, ки дар самтҳо ва соҳаҳои гуногуни илм, техника, менеҷмент истифода мешавад, новобаста ба шакли ифода, муттаҳидсозӣ, ҳифз ва интиқоли он, хеле афзоиш ёфтааст. Сатҳи баланди рушди технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи васеи онҳо дар раванди фаъолияти корхонаҳо, сохторҳо, хатсайрҳо ва воситаҳоинақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ аз андешиданичораҳои дахлдори муҳофизатӣ таҷовузи ҷиноятӣ вобастагӣ дорад. Амнияти иттилоотии ин объектҳо яке аз шартҳои асосии фаъолияти муътадили иқтисодиёт ва мудофиа мебошад. Илова бар ин, амнияти иттилоотӣ дар системаи амнияти миллӣ нақши муҳим мебозад, зеро дар баъзе соҳаҳо мудофиа ва амнияти иқтисодӣ бевосита

ба иттилоот вобастагӣ доранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ амнияти иттилоотӣ аҳаммияти бештар пайдо карда, ба яке аз унсурҳои муҳимми амнияти миллӣ табдил меёбад. Бояд гуфт, ки ҷинояти киберӣ ҳамчун амали ҷиноятии хатарноки ҷамъиятӣ дар фазои маҷозӣ ва ё истифодаи он муайян мекунад, ки ҷавобгарии он дар КҶ пешбинӣ шудааст ва ё тибқи шартномаҳои байналмилалии ҷиноят эътироф шудааст, яъне онро ҳама гуна ҷиноят тибқи Кодекси ҷиноятӣ, ки дар фазои маҷозӣ ва ё бо истифода аз он, аз ҷумла барои тахрибкорӣ содир мегардад, метавон баррасӣ кард. Аммо бояд зикр намуд, ки дар кадом шароит ва дар кадом маврид маълумотро метавон предмети тахрибкорӣ эътироф намуд. Ҳамин тавр, ин гуна предмет дар сурати нобуд шудан ё осеб дидан мавзӯи тахрибкорӣ бояд дониста мешавад.

4. Масъалаи мубрами дигаре, ки диссертант зери таҳқиқ қарор додааст ин таҳлили ҳуқуқии тарафи объективии тахрибкорӣ мебошад, ки дар натиҷа муаллиф якчанд пешниҳодҳои дорои хусусияти амалӣ намудааст. Аз ҷумла:

4.1. Дар қ. 2 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшавандаи зерин: а) якчандкарата; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо истифодаи мақоми хидматӣ; г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок;

4.2. Пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 309 КҶ ҶТ қисми 3 илова карда шавад. Дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшавандаи зерин илова карда шавад: а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг;

4.3. кримализатсия намудани шакли муосири содир намудани амалҳои тахрибкорона ва бо ҳамин мақсад ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ҳамлаҳои киберӣ»;

4.4. оқибатҳои амалҳои тахрибкориро ба назар гирифта, ба диспозитисия м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ба куштори оммавии

одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарари дигар ба саломатии онҳо».

5. Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин хулосабарорӣ оид ба ҳалли масъалаҳо вобаста ба тарафи субъективии тахрибкорӣ мебошад. Муаллиф исбот намудааст, ки мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ аломати ҳатмии тарафи субъективии тахрибкорӣ мебошад, ки ба бандубасти тахрибкорӣ ва ҷудо кардани он аз ҷиноятҳои монанд таъсири назаррас мерасонад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ он ба таври дигар фаҳмида мешавад. Пешниҳод карда мешавад, ки мақсади ноустувор сохтани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ дар тахрибкорӣ ҳамчун маҳдуд кардани имконоти давлат барои иҷрои вазифаҳо ва ухдадориҳои конститутсионии муайянкарда дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон фаҳмида шавад ва ҳангоми дар амал татбиқ кардани он бо истинод ба моддаи мушаххаси Конститутсия муайян карда шавад. Инчунин, ақидаи муаллиф вобаста ба он, ки дар тахрибкорӣ гуноҳ дар шакли қасди бевосита, маънои гуногун дорад: 1) содир намудани кирдори таҳрибкорона, ки мутобиқи қ. 1 м. 309 КҶ ҶТ тамоми аломатҳои ҳуқуқии ҷинояти хотимаёфтаро бо таркиби кутоҳкардашуда дорад; 2) содир намудани кирдори таҳрибкоронае, ки амалан ба оқибатҳои барои ҷомеа хатарнок боис шудааст. Дар ҳолати аввал, гуноҳ танҳо вобасти кирдор ва дар ҳолати дуюм бошад нисбат ба оқибатҳои барои ҷомеа хатарноки он, ки дараҷаи хатари ҷамъиятии тахрибкориро зиёд мекунад, муқаррар карда мешавад, дуруст мебошад.

Дар умум, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисоланавис дар ҳалли масъалаҳои илмии марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ муваффақ гардида, нуктахое илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат мебошанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Бояд гуфт, ки**

навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар он зоҳир мегардад, ки ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон (доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ) ва инчунин нуқтаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия, инчунин, зарурати такмил додани м. 309 КҶ ҶТ, сохтори нави он пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қонунҳои ҷиноятии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, тадбирҳои зарурӣ барои мукаммалгардии сохтори таркибии ҷинояти мазкур андешида шудаанд.

Аҳаммияти мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар заминаи таҳдидҳои муосири амниятӣ, аз қабили ҳамлаҳои киберӣ, амалиёти иттилоотӣ ва таҳдидҳои ҷангҳои гибридӣ аён аст. Дар партави вобастагии афзояндаи рақамии ҷомеа ва давлат аз технологияҳои иттилоотӣ, зарурати вокуниши муассир ба амалҳои тахрибкорона ба миён меояд, ки метавонанд барои амнияти миллӣ, субот ва соҳибихтиёрӣ оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошанд.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи ҷорӣ намудани меъёрҳое, ки барои пешгирӣ ва бандубасти амалҳои тахрикборӣ пешбинӣ шудаанд, ки қадами муҳим барои ҳифзи амнияти давлатӣ аз чунин таҳдидҳо мебошад. Ин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки фаъолияти шахсон ё гурӯҳҳоеро, ки кӯшиш мекунанд тахрибкориро барои мақсадҳои худ истифода баранд, самаранок боздоранд. Инчунин, ба ҳайси маводи омӯзишӣ барои донишҷӯён, шунавандагон, унвонҷӯён, аспирантон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва дигар шахсоне, ки ба масъалаҳои бандубасти тахрибкорӣ ва терроризм, мубориза ва муҷовимат бо тахрибкорӣ марок зоҳир менамоянд, истифода карда шавад.

Чунин нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти навгонӣ доранд:

**1.** Диссертант дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ асоснок менамояд, ки чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ нақши муассир дошта бошанд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия, эпизоотия ва эпифитотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои бандубастшаванда, ба монандӣ: - содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; 2) тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; 3) тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст.

**2.** Бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва бартараф кардани бандубасти нодуруст ва таъин намудани ҷазо вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ муаллиф дуруст пешниҳод намудааст, ки дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг;

**3.** Пешниҳод карда мешавад, ки ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шакли нави содир кардани ин ҷиноят, яъне содир кардани тахрибкорӣ тавассути "ҳамлаҳои киберӣ" илова карда шавад. Дар доираи ҳамлаи киберӣ бояд ҳамчун таҷовуз ба шабакаҳои компютерӣ тавассути воруди беиҷозати онҳо, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забти иттилооти махфӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд;

**4.** Навгонии дигари илмии диссертатсия дар пешниҳоди моддаҳои нав, ки бо тахрибкорӣ алоқамандананд, мебошад. Аз ҷумла:

1. Моддаи 309.1 (Ташкили таълим ва гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта)

1. Ташкили таълим ё гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷой ва шакли таълим. ...ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар:

- бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

- бо маблағгузорӣ намудани чунин кирдор алоқаманд бошад. ...ҷазо дода мешавад.

2. Моддаи 309.2 (Ташкили гурӯҳи тахрибкорона ё иштирок дар он)

1. Ташкил ва таъмини фаъолияти гурӯҳи тахрибкорона ва сохторҳои таркибии он. ...ҷазо дода мешавад.

2. Иштирок дар гуруҳи тахрибкорона. ...ҷазо дода мешавад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф дар раванди таҳқиқот пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро, бахусус муайян намудани объекти тахрибкорӣ, муайян намудани мафҳумҳои амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии давлат, ҳаракатҳои тарафи объективии тахрибкорӣ, мақсад ва ангезаи он таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин хадафи асосиашро ташкил медиҳад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:**

1. Дар саҳифаи 18 диссертатсия муаллиф менависад, ки “Тахрибкорӣ ҷиноятe мебошад, ки бо пайдоиши давлат бавуҷуд омад”. Агар тахрибкорӣ ҳамқадами давлат бошад, пас чаро муаллиф таърихи омӯзиши онро маҳз аз замони Шӯравӣ оғоз намудааст. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад мавқеи худро дар рафти ҳимояи ошкоро баён намояд.

2. Дар нуктаи №5 ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф ҳамчун ҳолати бандубастшаванда “якчандкарата” содир намудани тахрибкориро пешниҳод намудааст. Бояд қайд намуд, ки КҶ ҶТ то ҳол категорияи “якчандкаратаро” муқаррар накардааст ва ин пешниҳод дар адабиёти илмӣ баҳсҳоро ба миён овардааст. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад мавқеи худро дар рафти ҳимояи ошкоро боз ҳам асосноктар кунад.

3. Дар нуктаи №3 ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф истилоҳи “кибернетика”-ро истифода бурдааст. Ҳол он, ки дар аксари адабиёти илмӣ истилоҳи “кибер” (мисол, ҷиноятҳои киберӣ, кибердиверсия, кибертерроризм) истифода бурда шудааст. Ба фикри мо истифода истилоҳи “кибер” ба мақсад мувофиқтар мебошад. Мавқеи муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии тадқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассуси илмии Қурбонова Афзуна Азимбоевна барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне, диссертатсияи мазкур қисми мавзуъҳои лоиҳавии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ барои солҳои 2016-2020 «Рушди падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар давраи муосир» (рақами қайди давлатӣ 0116TJ00765 аз 01.01.2016 с.) ва барои солҳои 2021-2025 «Конститутсия ва рушди асосҳои

ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон» (рақами қайди давлатӣ 0121TJ1102 аз 24.02.2021 с.) иҷро шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳуму таърифҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд ва навгонии илмии диссертатсия ифода меёбад, иборат мебошад. Нуктаҳои илмӣ, навгониҳо ва мӯҳтавои диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтаанд. Ҳамзамон услуб ва тарзи навишт, масъалагузорӣ дар диссертатсия аз саҳми шахсии муаллиф дар мустақилона омода кардани он гувоҳӣ медиҳанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия. Таҳлили а**втореферат шаҳодати он аст, ки он ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар он натиҷаҳои илмии асосноккардашудаи таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар маҷмуъ, Қурбонова Афзуна Азимбоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Диссертатсияи Қурбонова Афзуна Азимбоевна дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2, Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 20-уми феврали соли 2024.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Абдурашидхода Азиз Абдумансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2, Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратҷаласаи кафедра таҳти №9 аз 21-уми феврали соли 2024. Дар ҷаласаи кафедра аз 14

нафар иштирок доштанд: 14 нафар (бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 14 нафар). Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №9 аз 21-уми феврали соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология
ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД
Ҷуҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
полковники милитсия Ҳусейнзода С.Ҳ.

**Ташхисгар:** Котиби Шурои олимони Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи
факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, полковники милитсия Абдурашидзода А.А.

**Котиби ҷаласа:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии
факултети №2 Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
майори милитсия Нарзуллозода С.С.

"Имзои С.Ҳ. Ҳусейнзода, А.А. Абдурашидзода
ва С.С. Нарзуллозодаро тасдиқ менамоям"
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД ҶТ,
подполковники милитсия Музаффарзода Б.З.
"22" 02 соли 2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru